«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент _______________ Сафарзода Д.Ҷ.
«11» октябри 2024 сол

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон: таҳқиқоти таърихӣ-ҳуқуқӣ» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор таҳқиқоти илмии анҷом ёфтае мебошад, ки аз ҷониби муаллиф ҳамаҷониба таҳқиқ гардида, ба яке аз масъалаҳои муосир ва мубрами илми ҳуқуқшиносӣ – ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон бахшида шуда, мазмун ва муҳтавои он ба шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба яке аз масъалаҳои муосир ва ҳалталаби илми ҳуқуқшиносӣ, яъне ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистон бахшида шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, пас аз ба даст овардани истиқлоли давлатӣ, расман дар бораи таъсиси давлати иҷтимоӣ эълон намуд. Вобаста ба ин, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи мардум кафолат дод ва мақсади қабули он, пеш аз ҳама, рушди устуворона ва пурқуват намудани ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ буд.

Мақомоти корҳои дохилӣ дар ҳама давру замон, хусусан дар раванди бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд дар таъмини адолати судӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, амнияти ҷомеа ва таҳкими рушди устувори давлату давлатдории ҳар миллат нақши муҳим доранд.

Мусаллам аст, ки самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ бе баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ ва молиявии кормандони он ғайриимкон аст. Дар ин ҷода масъалаи мазкур таҳқиқоти амиқ ва ҳамаҷонибаи илмиро талаб менамояд, ки, дар он муайян намудани омилҳои асосии танзими ҳуқуқии таъминоти фаъолияти кормандони фаъолияти мақомоти корҳои дохили, ошкор намудани камбудиҳоро дар ин раванд ва таҳияи пешниҳодҳои самаранок оид ба бартараф намудани онҳо, мувофиқи мақсад мебошад.

Барои ноил шудан ба ин мақсад зарурати гузаронидани таҳқиқоти илмӣ аз нуқтаи назари таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ ба миён омад. Омӯзиши таърихи гузашта имконият медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таъмини масъалаи мазкур дар Тоҷикистон муайян гардида, ҷанбаҳои мусбати он мавриди омӯзиш ва корбарӣ қарор гиранд.

Муаллиф қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии кормандони фаъолияти мақомоти корҳои дохили пайваста тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Масъалаи мазкур пайваста мавриди таваҷҷуҳи ҳамешагии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи қонунгузорӣ дар соҳаи иҷтимоӣ таҳия шуда, давра

ба давра такмил дода шуда истодааст (аз ҷумла, нисбат ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ), ки пеш аз ҳама, ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ, инчунин ба стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ такя мекунанд.

Ба андешаи муаллиф дар шароити афзоиши шиддатнокӣ дар муносибат байни кишварҳои ҷаҳон, зиёд гардидани шумора ва фаъол шудани фаъолияти гурӯҳҳои экстремистиву террористӣ, ба вуҷуд омадани роҳу воситаҳои нави содиршавии ҷиноят, аз ҷумла, ҷиноятҳои махсусан вазнин, зарурати қабули чораҳои зарурӣ барои таъмини сатҳи ҳаёти мусоид ва шароити кории арзанда барои кормандони милитсия ба миён меояд. Зеро бе ин таъмин кардани шароити мусоиди ҳаёт ва кор, ки ба талаботи замони муосир ҷавобгӯй бошанд, ғайриимкон мебошад ва кормандони ВКД ба таҳдидҳои вуҷуддошта муқовимати самаранок нишон дода наметавонанд.

Ба муаллиф муяссар гардидааст, ки дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда мафҳум ва моҳияти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилии Тоҷикистонро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода, онро дар қонунгузории миллӣ, хориҷӣ ва байналмилалӣ таҳлил намояд.

Бояд тазаккур дод, ки унвонҷӯй дар ҳалли масъалаҳои илмие, ки вобаста ба рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ саҳми назарраси худро гузоштааст. Ҳамзамон мушкилотҳои илмиеро коркард намудааст, ки ҳалли онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва такмили қонунгузории мамлакат метавонанд саҳми назаррас гузоранд, аз ҷумла:

– дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқот, аз ҷониби муаллиф маҳфумҳои асосӣ ва ҷузъҳои таркибии он, инчунин тавсифи моҳиятии

ҳифзи иҷтимоии кормандони фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ таҳқиқ карда шудааст;

– дар доираи асосҳои таърихӣ, аз ҷониби муаллиф раванди таҳаввулоти ташаккул ва рушди танзими ҳуқуқии таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи кормандони фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ дар доираи се марҳилаи давлатдории тоҷикон – пеш аз шуравӣ, шуравӣ ва пас аз шуравӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷанбаҳои мусбат ва камбудиҳо дар ҳар як марҳилаи зикршуда муайян карда шудааст;

– дар асоси истифодаи усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷониби муаллиф таҳлили муқоисавии қонунгузории ватанӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар ин соҳа гузаронида шудааст;

– дар доираи омӯзиши қонунгузории ватанӣ дар самти таҳқиқшаванда кафолатҳои иҷтимоӣ барои кормандони МКД ва вазъи онҳо муайян карда шудаанд;

– дурнамои рушди ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД баррасӣ гардида, роҳҳо, воситаҳо ва тадбирҳои самаранок оид ба баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии кормандон пешниҳод карда шудаанд.

Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳо ва ақидаҳоро дар бораи ҳифзи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ таҳия ва коркард намуда, тавсияҳои илмию амалӣ оид ба тақвият бахшидан ба вазъи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, сифат ва самаранокии фаъолияти онҳо, риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва баланд бардоштани мавқеи кормандони мақомоти корҳои дохилиро манзур менамояд.

Андешаи мазкур ба натиҷаҳои эътирофшудаи илмӣ, маводи таърихӣ-ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ асос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашудаи муаллиф аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқот ба омӯзиши ҳамаҷонибаи назариявию амалии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, таҳлили хулосаҳои бадастомада, пешниҳодҳо ва хулосаҳои илман

асосноккардашуда дар рисола пешниҳодгардида, навоварии илмии ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Тоҷикистон алоқаманд аст, асос ёфтаанд.

Хулоса кардан мумкин аст, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф кӯшиш намудааст, ки нуқтаи назари худро баён намояд, лаҳзаҳои баҳснокро ҷудо намуда, таваҷҷуҳро ба ақидаҳои нав ҷалб карда, фаҳмиши худро дар бораи масъалаҳои ҳуқуқӣ, ки дар ин самт ба миён меоянд, пешкаш намояд.

Ҳамзамон, мақсади таҳқиқоти гузаронидаи муаллиф ин омӯзиши ҳамаҷониба ва маҷмуии масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони ВКД, ки ба он мушкилоти танзими ҳуқуқии масъалаи баррасишаванда, муайян намудани мафуҳмҳои асосӣ ва омилҳои махсуси моҳияти он, таҳлили таърихии масъала бо мақсади муайян намудани раванди ба он алоқаманд, инчунин омӯзиши муқоисавии қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои якхела ва фарқкунанда, ки барои татбиқ кардан дар амалияи қонунгузории ватанӣ имконпазиранд, мақсади таҳқиқоти мазкурро ташкил медиҳанд.

Ҳамин тавр, дарки назариявии масъалаи асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар илми ҳуқуқшиносӣ ба таври зарурӣ баррасӣ карда нашудааст. Дар адабиёти ватанӣ таҳқиқоти алоҳида оид ба муайян намудани моҳияти ин падидаи мураккаб вуҷуд надорад. Бинобар ин, асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД ҳамчун падидаи мураккаб ва муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ ба таҳлили ҳамаҷонибаи назариявӣ-таърихӣ эҳтиёҷ дорад.

Муаллиф қайд менамояд, ки ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар илми муосир мавзуи баҳсталаб буда, бахусус дар шароити кунунии ҷамъияти демократию ҳуқуқбунёд омӯзишу таҳлил ва таҳкими ҷиддиро талаб менамояд. Ба андешаи муаллиф, ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД маҷмуи имтиёзу кафолатҳои гуногун мебошад, ки дар қонунгузорӣ муқаррар карда шудаст ва ба кормандон ва аъзои оилаи онҳо пешниҳод мегардад. Мақсади имтиёзу кафолатҳои зерин ин мувозинати шароит ва

хусусиятҳои фаъолияти меҳнатии кормандони МКД мебошад, ки онҳо бо талабот ва маҳдудиятҳои муайян алоқаманд мебошанд (с. 37).

Аломатҳои асосии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД асоснок карда шудаанд. Аввалан, он муносибатҳои байни кормандон (ва дар баъзе ҳолатҳо аъзоёни оилаи онҳо), аз як тараф, ва аз тарафи дигар, мақомоти давлатиро дар бар мегирад. Дуюм, он барои таъмини шароити муътадили хизмати кормандон, инчунин ҷуброни зиёд шудани фишори равонию ҷисмонӣ ва оқибатҳои номатлуби фарорасии ҳодисаҳои иҷтимоӣ, ки зарурати ҳифзи иҷтимоии онҳоро ба миён меорад, пешбинӣ шудааст. Сеюм, ҳифзи иҷтимоии кормандон аз ҳисоби манбаъҳои махсуси молиявӣ сурат мегирад. Чорум, татбиқи ҳифзи иҷтимоӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор сурат мегирад. Панҷум, тадбирҳои ҳифзи иҷтимоӣ пардохтҳои пулӣ ва хизматрасонӣ мебошанд (с. 41).

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқи мафҳум ва моҳияти ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД муаллиф хулосаҳои зеринро пешниҳод кардааст:

1. Дар зери мафҳуми ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД низоми тадбирҳое фаҳмида мешавад, ки бо таъмини кафолату ҷубронпулӣ, имтиёзҳои иловагӣ, хизматрасонӣ ва пардохтҳои дорои хусусияти иҷтимоӣ ба кормандон, инчунин таъмини шароити бехатарии хизмат, нигоҳ доштани саломатӣ ва қобилияти кории онҳо алоқамананд. Ҳавасмандгардонии фаъолияти касбӣ ва таъмини дараҷаи муътадили зиндагонӣ, фароҳам овардани шароит барои инкишофи маънавӣ, ки ҳам кафолатҳои аз рӯйи қонун муқарраршуда ва ҳам кафолатҳои инфиродӣ доранд ва аз тарафи давлат таъмин карда мешаванд.

Ба маънои дигар, ҳифзи иҷтимоии корманди МКД воситаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошанд, ки барои таъмини фаъолияти ҳаётии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ, ҳимояи манфиатҳои онҳо, дар маҷмуъ, таъмини фаъолият ва рушди низоми МКД дар назар дошта мешаванд.

2. Бояд тазаккур дод, ки истилоҳи «ҳифзи иҷтимоӣ» дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас нагардидааст ва барои ҳамин чунин вазъият ба маънидодкунии мухталиф оварда, барои якранг татбиқ кардани меъёрҳои ҳуқуқ мусоидат намекунад. Бинобар ин, мафҳуми он бояд дар қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

Дар баробари баррасии мафҳум ва моҳияти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ муаллиф рушди қонунгузории Тоҷикистон вобаста ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро таҳлил намудааст. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили фикру ақидаҳои олимон ба хулоса омадаст, ки бо даврабандии пешниҳоднамудаи олимон розӣ шудан мумкин аст, аммо танҳо ба шарте, ки давраи якум на аз соли 1923, балки аз соли 1921 ва давраи дуюм аз соли 1922 бояд оғоз ёбад (с. 47).

Муаллиф дар таҳқиқот ба он далел ишора намудааст, ки аз оғози соли 1917 то соли 1922 вазъияти иқтисодию иҷтимоӣ дар тамоми кишвар, аз ҷумла ҶМШС Туркистон хеле душвор буд, ҷанги шаҳрвандӣ ва мубориза бо босмачигарӣ вазъиятро боз ҳам мураккаб менамуданд. Дар натиҷа, дар ин давра на танҳо ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсия, балки ҳифзи иҷтимоии тамоми аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дошт (с. 47).

Муаллиф қайд мекунад, ки яке аз марҳилаҳои муҳимми рушди қонунгузорӣ оид ба ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷик дар даврони шуравӣ давраи мавҷудияти ҶШС Тоҷикистон мебошад (с. 66).

Муаллиф таъкид мекунад, ки дар ин давра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шуданд, ки дар онҳо масъалаҳои додани имтиёзҳои гуногун ва кафолатҳои иҷтимоӣ ба кормандони МКД (аз ҷумла, масъалаҳои сарфарозкунӣ, ҳавасмандгардонӣ ва мукофотпулӣ), тартиби додани музди меҳнат, тайёрии касбӣ ва такмили ихтисоси кормандон, хизматрасонии тиббӣ ва дигар хизматрасониҳо ва ғайра ба танзим дароварда шуданд (с. 67-68).

Дар умум, дар давраи баррасишаванда (дар солҳои 1917-1991) як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии

кормандони милитсияи тоҷикро ба танзим медароварданд ва ба шароиту талаботи он давра ҷавобгӯ буданд, қабул ва амалӣ карда шуданд.

Мавзуи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро баррасӣ намуда, дар он таъкид гардидааст, ки Тоҷикистон дар сатҳи конститутсионӣ ҳамчун давлати иҷтимоӣ эълон гардида, барои татбиқ намудани он давлат сиёсати иҷтимоиро роҳандозӣ менамояд, ки он аз функсияи иҷтимоии давлат бармеояд. Дар Тоҷикистон сиёсати бомуваффақияти иҷтимоӣ роҳандозӣ гардидааст, ки ҷузъи таркибии он инчунин ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД мебошад (с. 112).

Муаллифи диссертатсия таъкид менамояд, ки сиёсати иҷтимоӣ аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ, сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва роҳандозӣ гардида, бо мақсади ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини гурӯҳҳои алоҳида бо ҳуқуқу озодиҳо ва имтиёзу кафолатҳои иҷтимоӣ амалӣ карда мешавад (с. 117).

Ғайр аз ин муаллиф қайд мекунад, ки кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ на танҳо фароҳам овардани шароити мусоид, балки ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии онҳоро низ дар бар мегиранд. Дар ин замина мақсади таҳия ва қабули қонунгузорӣ дар ин самт ҳифз ва таъмини кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад.

Муаллиф таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар самти ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилиро таҳлил намуда, ба чунин хулоса омадааст, ки дар шароити кунунӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ҷомеаи мо ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон, аз ҷумла кормандони МКД маҳсуб меёбад.

Таҷрибаи татбиқи сиёсати иҷтимоии давлатҳои пешрафта ба як чанд самти асосии татбиқи он нишон медиҳад. Як самти он музди меҳнат мебошад, ки сатҳи арзандаи некӯаҳволии моддии меҳнаткашонро таъмин менамояд. Ғайр аз ин, ба суғуртаи иҷтимоӣ, аз ҷумла ба суғуртаи тиббӣ, нафақавӣ ва манзилӣ, инчунин ба низоми ҷуброн ва пардохтҳои

иҷтимоӣ ва ғайра диққати махсус дода мешавад. Баъзе ҷанбаҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони кишварҳои хориҷӣ сазовори таваҷҷуҳи ҷиддӣ мебошанд ва дар раванди ислоҳоти иҷтимоӣ барои кишвари мо намунаи мусбат мебошанд. Ин намунаҳои мусбат ҳамчун сарчашмаи муҳим барои татбиқи ислоҳоти иҷтимоӣ дар ҷумҳурии мо баромад карда метавонанд. Таҷрибаи бомуваффақияти кишварҳои пешрафтаро истифода бурда, ба Тоҷикистон зарур аст чунин намудҳои ҳифзи иҷтимоиро мустаҳкам ва ҷорӣ намояд, ки онҳо ба фаъолияти самарабахши кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мусоидат кунанд (с. 153-154).

Дар натиҷаи таҳлил муаллиф ба хулоса омад, ки ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар кишварҳои хориҷӣ чунин хусусиятҳо дорад: ҳифзи кормандон аз марҳилаи ба кор қабул намудан оғоз гардида, асосан дар доираи воҳиди сохторӣ сурат мегирад; ташкилотҳои касабавии (иттифоқҳои касаба) кормандони милитсия дар ҳифзи ҳуқуқҳои худ фаъолона иштирок менамоянд; ҳифзи кормандони милитсия ҷанбаҳои гуногунро дар бар мегирад, ки ба онҳо ҳам ҷанбаҳои моддӣ ва ҳам ҷанбаҳои маънавию равонӣ дохил мешаванд. Ҳамзамон, фаъолият оид ба ҳифзи кормандони милитсия на танҳо аз ҷониби шахсони махсус, балки тавассути ташкилотҳои ҷамъиятии гуногун, ба монанди шуроҳои ҷамъиятӣ, ки дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис дода мешаванд, намояндагони иттиҳодияҳои соҳибкорӣ, фондҳои хайрия ва дигар ташкилотҳои ҳаммонанд амалӣ мегардад.

Яке аз масъалаҳои марказие, ки муаллиф дар рисола таҳқиқ намудааст, ин роҳҳои такмил додани ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар рафти ислоҳоти давлатӣ мебошад. Муаллиф таъкид мекунад, ки дар ин марҳила корҳои ҷиддӣ оид ба ислоҳоти милитсия ҷараён дорад, ки он, аз ҷумла, масъалаи таъмини иҷтимоии кормандони онро низ дар бар мегирад. Таъкид карда мешавад, ки дар солҳои охир маоши кормандон чанд маротиба зиёд карда шудааст, ки ин ба некӯаҳволии онҳо таъсир расонидаст ва сатҳи зиндагии онҳо ба стандартҳои синфи миёна наздик шудааст. Ин тадбирҳо, аз ҷумла, бояд ба баланд шудани самаранокии

фаъолияти мақомоти мазкур мусоидат карда, унсурҳои манфии мавҷудбуда дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ кам карда шаванд (с. 164-166).

Муаллиф таъкид менамояд, ки таъсиси низоми самараноки идоравӣ оид ба дастгирии иҷтимоии ҳайати шахсии МКД ҳамзамон ҳам ухдадории маънавии давлат ва роҳбарони МКД, ҳам омили муҳимтарин оид ба нигоҳ доштани некӯаҳволии ахлоқӣ-равонии кормандони милитсия мебошад. Вазифаҳои асосии роҳбарияти МКД, инчунин роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва дигар муассисаҳои ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд таъмини татбиқи кафолатҳои иҷтимоӣ бошад, ки онҳо аз ҷониби қонунгузорӣ пешбинӣ шуданд ва ба ташкили шароити зарурӣ барои гирифтани кумаки иловагии иҷтимоӣ аз мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилотҳо ва иттиҳодияҳо мусоидат менамоянд.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Таҳқиқоти ба ҳимоя пешниҳод шуда нахустин таҳқиқоти маҷмуавӣ оид ба масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Нуктаҳо, андешаҳо, ақидаҳо ва мулоҳизаҳои илмии диссертатсия, ки ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, навгонии таҳқиқот ва натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо нишон медиҳанд. Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки дар илми ҳуқуқи ватанӣ ин аввалин кӯшиши омӯзиши ҳамаҷонибаи масъалаҳои танзими ҳуқуқии асосҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД мебошад. Дар рисола кӯшиш ба хар ҷдода шудааст, ки мафҳум, мақсад, моҳият, заминаи ҳуқуқӣ ва рушди қонунгузорӣ дар ин соҳа ошкор карда шавад.

Пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, ки аз ҷониби муаллиф таҳия шудаанд, ба такмили асосҳои ҳуқуқии танзими масъалаҳои таъминоти иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД нигаронида шуданд.

Хулоса ва тавсияҳои дар таҳқиқот зикргардида, ҳам барои ҳалли масъалаҳои умумии назариявии вобаста ба ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳам барои таҳияи барномаҳои маҷмуии мақсаднок, ки ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, баланд бардоштани малакаи касбӣ ва пурзӯр намудани самаранокии фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ нигаронида шудаанд, заминаи илмӣ фароҳам меоранд.

**Бо мақсади исботи навиштаҷотҳои болозикр метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки дар асоси он довталаб Собирзода А. Ҷ., арзандаи дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ мебошад:**

Дар навгонии 1 муаллиф мафҳуми асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД-ро пешниҳод кардааст. Дар зери мафҳуми мазкур маҷмуи санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки ба танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ равона карда шуданд ва дар соҳаи таъмини иҷтимоии фаъолияти кормандони МКД ба вуҷуд меоянд.

Дар навгонии 2 муаллиф намудҳои кафолатҳои иҷтимоиро барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ пешниҳод намудааст. Ба намудҳои онҳо дохил мешаванд: музди кор ва дигар пардохтҳои иловагӣ; хизматрасонии тиббӣ, аз ҷумла табобат дар осоишгоҳҳо; инчунин таъмини манзили иҷтимоӣ; кафолатҳои суғуртавӣ, ки ба таъмини товони зарар, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ расонида шудаст, равона карда шудаанд; таъмин бо либоси хизматӣ ва озуқа; таъмини нафақа; дастгирии аъзоёни оилаи кормандоне, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои хизматӣ фавтидаанд.

Дар навгонии 5 муаллиф сиёсати иҷтимоиро дар умум таҳлил намуда, пешниҳод менамояд, ки сиёсати иҷтимоӣ – ин маҷмуи чорабиниҳои ташкилӣ, сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию фароғатӣ мебошад, ки аз ҷониби давлат дар асоси заминаҳои ҳуқуқӣ таҳия ва амалӣ карда мешавад ва ба ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини гурӯҳҳои алоҳида бо ҳуқуқ ба озодӣ ва имтиёзу кафолати иҷтимоӣ равона карда шудааст. Аз ин нуқтаи назар, ба андешаи муаллиф сиёсати давлатӣ дар

соҳаи ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ маҷмуи воситаҳо ва тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад, ки дар санадҳои меъёрии-ҳуқуқӣ муқаррар шуда, аз ҷониби давлат бо мақсади таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД амалӣ карда мешавад. Ин воситаю тадбирҳо маҷмӯи ҳуқуқу озодиҳои онҳоро дар бар гирифта, кафолату имтиёзҳои иҷтимоиро ташкил медиҳанд.

Дар навгонии 6 омӯзиши қонунгузории давлатҳои хориҷиро муаллиф пешниҳод кардааст. Таҳлили қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ нишон медиҳад, ду шакли такмили он қабул шудааст - ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳо, ки фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқукро танзим мекунанд, инчунин қабули як қатор санадҳои зерқонунӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Қазоқистон) ва таҳия ва қабули қонунҳои нав бо ворид намудан ба мазмуни он танзими васеи масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ (Федератсияи Россия).

Дар навгонии 8 муаллиф дар рафти таҳқиқот дар бораи зарурати қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмат дар мақомоти корҳои дохилӣ» хулоса баровarда шуд. Ин зарурат бо он асоснок карда мешавад, ки аз лаҳзаи тасдиқи «Низомномаи адои хизмат аз тарафи ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ» муҳлати тулонӣ гузаштааст ва ин санади меъёрии ҳуқуқӣ наметавонад муносибатҳои навро, ки дар соҳаи фаъолияти МКД ба вуҷуд омадаст, ба пуррагӣ танзим намояд. Ислоҳоти милитсия, ки фаъолона амалӣ шуда истодааст, татбиқи Барнома оид ба ислоҳоти милитсия имконият медиҳанд, ки ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД дар давраи гузаронидани ислоҳот ва баъд аз он таъмин карда шавад.

**Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончи:**

1. Муаллиф дар навгонии 3 дар натиҷаи омӯзиши таҳавуллоти қонунгузории ватанӣ дар соҳаи таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандони МКД онро ба чаҳор марҳираҳои асосии даврабандӣ намудааст, аз ҷумла: солҳои 1917-1924 – давраи ташаккул ва инкишофи ҳокимияти шуравӣ; 1924-1929 – ташаккули ҶМШС Тоҷикистон; 1929-1991 – батанзимдарории масъалаи мазкур дар давраи ба сифати ҷумҳурии иттифоқӣ будани Тоҷикистон дар ҳайати ИҶШС; ва пас соли 1991 – давраи истиқлоли. Аммо дар нақшаи кори таҳқиқоти масъалаи баррасишаванда дар се марҳила муқаррар карда шуда таҳқиқ шудааст, бинобар ин аз диссертант хоҳиш карда мешавад, ки нуқтаи назари даврабандии худро бо далелҳо мустаҳкам намояд.

2. Муаллиф дар қисмати тавсия ва пешниҳодҳо оид ба такмил додани қонунгузорӣ банди дуюм қайд менамояд, ки: Бо мақсади муайян намудани ҳуқуқу кафолатҳои иҷтимоии кормандони МКД, зарур аст, ки дар лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» тартиби пардохти кумакпулиҳои якдафъаина, иловапулиҳо барои корҳои аз меъёр зиёд ва ҳавасмандгардонии кормандон барои иҷрои ухдадориҳои хизматӣ, инчунин дигар имтиёзҳо ба назар гирифта шуда, пешбинӣ карда шаванд. Чуноне ки муаллиф худ қайд менамояд пешниҳоди мазкур ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» мебошад, яъне ин лоиҳа ҳануз аз ҷониби мақоми олии қонунгузории ҷумҳурӣ ба тасвиб нарасидааст, бинобар ин лоиҳа ба қонунҳои амалкунанда дохил намегарданд. Аз ин рӯ, ба муаллиф пешниҳод карда мешавад, ки пешниҳоди мазкур аз рисола бардошта шуда, ба комиссияи омодакунандаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи политсия» пешниҳод намояд.

3. Дар натиҷаи таҳлили зербоби 1.2. муаллиф дар охир чунин кайд менамояд, ки дар натиҷаи таҳқиқи масъалаи асосҳои ҳуқуқии ҳифзи иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷик дар солҳои 1917-1929 ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст: 1. Фароҳам овардани шароити хуб

барои зиндагии мусоид тавассути воситаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ ва ҳуқуқӣ, ҳимояи манфиатҳо, кафолатҳои иҷтимоӣ ба монанди пардохти музди меҳнат, таъмини манзил ва шароити хуби манзилӣ, расонидани кумаки тиббӣ, ҳуқуқ ба нафақа ва ғайра, пеш аз ҳама, ба андешаи мо, мебояд дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуда, заминаи меъёриву ҳуқуқӣ фароҳам оварда мешуд. 2. Асосан, чораҳои ташкилӣ оид ба ҳимояи иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷик амалӣ карда шуда, истилоҳ ва муҳтавои амиқи ҳимояи иҷтимоӣ ва ё ҳуқуқии кормандони милитсия дар қонунгузорӣ ва ё агар аниқтар иброз намоем, дар санадҳои меъёриву ҳуқуқии давраи муқаррарнамоии ҳокимияти шуравӣ ва таъсиси ҶШС Тоҷикистон мушаххас нагардида буд. Бинобар ин, ба андешаи мо, ҳимояи иҷтимоии кормандони милитсияи тоҷикро дар ин давра (яъне, солҳои 1917-1929) ҳамчун меъёри ҳуқуқӣ пурра дар амал татбиқ намудан имконнопазир буд. Мазмуни ҳар ду хулосаи ин зербоб аз нигоҳи мантиқи ба мавзуи таҳқиқшаванда мутобиқат наменамояд. Аз ин рӯ, муаллифро зарур аст, ки ба ин хулосаҳо диққат дода, оид ба масъалаи дар зербоб таҳқиқ шуда хулосаи илмӣ пешниҳод намояд.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқот, алалхусус мазмуни мухтасари таҳлили кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.

Диссертатсияи Собирзода Аловуддин Ҷабор ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ

мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Собирзода Аловуддин Ҷаббор ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмииномзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

Тақриз дар асоси муқарраароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва автореферат дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар семинар 11 нафар иштирок доштанд: тарафдор - 11 нафар, муқобил ва бетараф нест. Суратмаҷлиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти № 2/1 аз 10 октиябри соли 2024.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби Холинова Мижгона Муборакшоевна номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи назарияи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омода карда шуда, дар маҷлиси кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар маҷлис 11 нафар иштирок доштанд: тарафдор - 11 нафар,

муқобил ва бетараф нест.Суратмаҷлиси кафедра таҳти №2/1 аз 10 октиябри соли 2024.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдулхонов Ф.М.

**Ташхисгар:** номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи назарияи давлат
ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии
Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон Холинова М.М.

**Котиб:** мутахассис-коргузори кафедраи
назарияи давалат ва ҳуқуқи факултети
ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Бозорова С.С.

**Имзоҳоро тасдиқ мекунам**:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаюров Ф.З.

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33, Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Тел: 224-17-86, 224-83-93 (факс), email: info@apa.tj.